Маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Афғонистон

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 29 Март, 2021 - 13:55
[1]

Пас аз анҷоми музокироти васеи ҳайатҳои расмии Тоҷикистону Афғонистон дар ҳузур ва бо иштироки Сарони давлатҳо маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии

Исломии Афғонистон муҳтарам Муҳаммад Ашраф Ғанӣ зери Эъломияи муштарак аз натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гузоштанд.
Сипас, дар ҳузури Сарони давлатҳо санадҳои зерин имзо карда шуд:
- Барномаи иқдомоти амалӣ (Нақшаи роҳ) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар заминаҳои ҳамкориҳои сиёсӣ, амниятӣ, тиҷоратӣ, нақлиётӣ, транзитӣ, энергетикӣ ва фарҳангӣ;
- Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Созишномаи ҳамкориҳо байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар самти мубориза бар зидди терроризм, ҷиноятҳои фаромиллӣ ва муташаккил, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ва дигар намудҳои ҷиноятқорӣ дар солҳои 2021-2022;
- Созишнома байни Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи улуми Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамкорӣ дар бахши забон ва истилоҳот;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти аудиторӣ дар бахши давлатӣ байни Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идораи олии баррасии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;
- Созишнома оид ба таъсис додани Шӯрои корӣ Тоҷикистон-Афғонистон байни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи саноат ва маъданҳои Афғонистон.
Пас аз анҷоми маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ Сарони давлатҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон муҳтарам Муҳаммад Ашраф Ғанӣ барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ ороста, натиҷаҳои вохуриро неку назаррас арзёбӣ карданд.

Манбаъ: http://president.tj/node/25366 **[2]**

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [3]

-

-

-

-

-

Манбаъ::http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/marosimi-imzoi-sanadkhoi-navi-khamkori-miyoni-tochikistonu-afgoniston?qt-quicktabs=0

Пайвандҳо
[1] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/51080417338_1bb4226500_c.jpg [2] http://president.tj/node/25366 [3] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [4] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/51011929090_a16612ccb9_k.jpg [5] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/51080417338_1bb4226500_c.jpg [6] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/51081113101_87d90ab2bd_k.jpg [7] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/51081206207_95f6311159_k.jpg [8] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/51081112711_ade1b0b4d3_k.jpg [9] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/51081206482_0e0237b420_k.jpg [10] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/51081112961_53a1497feb_k.jpg